## ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи илмии Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзӯи: “Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст.**

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли гандум дар як сол то ба 950 ҳазор тонна расонида шудааст, ки ин ҳоло барои пурра таъмин намудани талаботи аҳолӣ ба ин маҳсулоти зарурии ғизоӣ кифоя нест. Аз ин ҷост, ки қисми норасогии гандумро берун аз Тоҷикистон ворид менамоянд. Дар ҷумҳурӣ барои афзоиш додани истеҳсоли гандум, дар оянда корҳои селексионӣ-тухмипарварӣ ва ҷорӣ намудани технологияи интенсивии парвариши зироатҳоро бояд тақвият бахшид.

Тавре ки аз реферати рисолаи илмӣ дида мешавад, ҳадафи таҳқиқот - омӯзиши аломатҳои морфологӣ ва ҷиҳати хоҷагидорӣ арзишманди намунаҳои нави гандуми мулоими коллексияи ҷаҳонӣ - Институти умумироссиягии растанипарварии Федератсияи Россия (ИУР-и Федератсияи Россия) гирифташуда, дар шароити ҷануби Тоҷикистон парвариш гашта, ба шумор меравад.

Вазифаҳои тадқиқот бошад чунинанд: 1. Омӯзиши хусусиятҳои сабзиш ва рушд, аломатҳои морфологӣ ва давраи нашъу намои намунаҳои гандуми мулоим;

2. Хусусиятҳои аз ҷиҳати хоҷагидорӣ муфиди намунаҳои ояндадори гандуми мулоим аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистони;

3. Муайян кардани нишондиҳандаҳои биохимиявии тухмӣ дар намунаҳои гандуми аз коллексияи ҷаҳонии ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷанубӣ Тоҷикистон;

5. Таъсири нурии нитроаммофос ба ҳосилнокии намунаҳои гандум дар шароити водии Вахши Тоҷикистон;

6. Муайян намудани самараи иқтисодии парвариши намунаҳои нави гандуми овардашуда дар шароитии ҷануби Тоҷикистон.

Бояд қайд кард, ки унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. хусусиятҳои афзоиш ва сабзишу ҳосилнокии намунаҳои нави гандуми мулоимро, ки ИУР-ии ба номи Н.И. Вавилов оварда шударо, омӯхта, ба натиҷаҳои арзишманди илмӣ ноил гардидааст.

Чи тавре, ки аз автореферати кори илӣ дида мешавад, унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. 15 намунаҳои нави гандуми коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити иқлими ҷануби Тоҷикистон ҳаматарафи омӯхтааст. Ба аломатҳои намунаҳои гандуми мулоим ҳангоми ворид намудани нури маъданин нитроаммофоска, ҳангоми кишти намунаҳои нави коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити гарми вилояти Хатлон баҳои илмӣ дода баромадааст. Инчунин унвонҷӯ бори аввал аоқамандии аломатҳои гуногунро дар намунаҳои нави мутобиқшудаи гандум аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар иқлими гарми ҷануби Тоҷикистон муайян кардааст, ки онҳо аҳамияти калони илмӣ доранд. Дар борабри ин нишон дода шудааст, ки намунаҳои нави мутобиқшудаи гандуми аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия гирифташуда назар ба навъи гандуми назоратии Ормон 1,5-2,4 баробар серҳосил мебошанд.

Натиҷаҳои корҳои илмӣ ба он мусоидат намудаанд, ки ҳоло тухмиҳои намунаҳои омӯхташудаи гандум дар шароити водии Вахш дар майдони 5 га кишт карда мешаванд, ки аз аҳамияти амалии кори илмӣ башорат медиҳад.

Унвонҷӯ Резмонова Қ.Ш. доир ба кори илмиаш 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, ба табъ расонидааст.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки рисолаи илмӣ дар мавзӯи **“Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (*Tríticum aestívum* l.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз руи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, кори комплексии бисёрҷабҳа ба шумор рафта, бо аҳамияти назариву амалиаш, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Резмонова Қурбоной Шарифовна барои ба даст овардани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – Зироатчигии умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи биологияи умумии
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев)
н.и.б. дотсент Содатқадамова Таҳмина Мабатқадамовна

Имзои мудири кафедраи биологияи умумӣ,
н.и.б., дотсент Т.М. Содатқадамова-ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси ДДХ
ба номи М.Назаршоев: Саидраҳмонов Н. С.

*Содаткадамова Тахмина Мабаткадамовна,*
*Маълумот дар бораи муаллиф:*
*Донишгоҳи давлатии Хоруг ба номи М.Назаршоев*
*736000, ш. Хорог, куч. Ш.Шотемур 109*
*тел.: (+992) 935834619, почтаи электронӣ: tahmina88@inbox.ru*

7.07.2025